# Созишнома
# байни Ҳукумати Федералии Австрия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба алоқаи ҳавоӣ

Ҳукумати Федералии Австрия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки минбаъд дар Созишномаи мазкур "Тарафҳои Аҳдкунанда" номида мешаванд;

ҳамчун иштирокчии Конвенсия оид ба масоили фаъолияти Ташкилоти байналмилалии ҳавопаймоии гражданӣ, ки барои имзо дар Чикаго аз 7 декабри соли 1944 кушода аст;

бо хоҳиши ба таври бехатар ва муташаккилона ба танзим даровардани алоқаи ҳавоии байналмилалӣ ва дар сатҳи баланди имконпазир ҳавасмандгардонии ҳамкории байналмилалӣ вобаста ба ин алоқа;

зимни хоҳиши ба имзо расонидани Созишнома, ки ба рушди мунтазами алоқаи ҳавоии миёни қаламрави худ ва хориҷ аз он мусоидат менамояд.

ба мувофиқаи зайл расиданд:

# МОДДАИ 1
# МУҚАРРАРОТ

Барои мақсадҳои Созишномаи мазкур, истилоҳоти зерин маъниҳои зайлро ифода менамоянд:

а) Истилоҳи «Конвенсия» маънои Конвенсия оид ба масоили фаъолияти ҳавопаймоии граждании байналмилалиро мефаҳмонад, ки барои имзо дар Чикаго аз 7 декабри соли 1944 кушода аст, аз ҷумла ҳама гуна Замимаҳои тибқи Моддаи 90-и Конвенсияи мазкур қабулгардида, инчунин ҳама гуна иловаҳо ба Замимаҳо ва ба Конвенсия тибқи Моддаҳои 90 ва 94 (а)-и Конвенсияи мазкур қабулгардида, барои Тарафҳои Аҳдкунанда эътибор пайдо намояд;

б) Истилоҳи «маъмурияти ҳавопаймоӣ» нисбат ба Ҷумҳурии Австрия, Вазорати нақлиёт, инноватсия ва технология Ҷумҳурии Австрия ва нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар ҳар ду маврид ягон мақомот ё шахсро ифода мекунад, ки ваколатдор аст вазифаҳое, ки айни замон иҷро мегарданд, амалӣ созад;

в) Истилоҳи «хатсайрҳои шартномавӣ» маънои ҳамлу нақли ҳавоии мунтазами байналмилалиро аз рӯи хатҳои парвоз, ки дар Замима ба Созишномаи мазкур ҷиҳати ҳамлу нақли мусофирон, бағоҷ, бор ва почта муқаррар шудааст, ифода менамояд;

г) Истилоҳи «ширкати ҳавопаймоии таъингардида» маънои ягон ширкати ҳавопаймоиро дорад, ки мутобиқи моддаи 3-и Созишномаи мазкур таъин ва ваколатдор шудааст;

д) Истилоҳи «қаламрав» маънои дар моддаи 2 Конвенсия зикргардидаро ифода менамояд;

е) Истилоҳи «ҳамлу нақли ҳавоӣ», «ҳамлу нақли ҳавоии байналмилалӣ», «ширкати ҳавопаймоӣ» ва «истодан бо мақсадҳои ғайритиҷоратӣ» ба маънои дар моддаи 96 Конвенсия муайянгардида, истифода менамояд;

ё) Истилоҳи «хати парвози муқарраршуда» маънои хати парвозро дорад, ки дар Замима ба Созишномаи мазкур муқаррар шудааст;

ж) Истилоҳи «пурборӣ» нисбат ба хатсайрҳои ҳавопаймоии шартномавӣ маънои боргирии мавҷудаи ҳавопайморо дорад, ки дар ин хатсайрҳои ҳавопаймоӣ истифода мешавад, бо зарб задани он ба

шумораи хатсайрҳо, ки ин ҳавопаймо дар давраи муайян аз рӯи ягон хати павоз ва ё қисми хати парвоз иҷро намудааст;

з) Истилоҳи «тариф» - нархе, ки барои интиқоли мусофирон, бағоҷ ва бор пардохт карда мешавад, инчунин шартҳое, ки тибқи онҳо ин нархҳо татбиқ мегарданд, аз ҷумла боҷи комиссионӣ ва дигар мукофоти иловагӣ ба агентӣ ё фурӯши ҳуҷҷатҳои ҳамлу нақл, ба истиснои мукофотдиҳӣ ё шартҳои интиқоли почта;

и) Истилоҳи «Замима» маънои Замима ба Созишномаи мазкур ворид намудани тағйиру иловаҳоро дорад. Замима қисми ҷудонашавандаи Созишнома буда, ҳамагуна ишораю истинод ба ин Созишнома, ишораю истинод ба Замимаро дар бар мегирад, ба истиснои ҳолатҳое, ки тибқи шартнома тартиби дигар пешбинӣ шуда бошад;

к) Истинод дар Созишномаи мазкур ба шаҳрвандони Ҷумҳурии Австрия бояд ҳамчун истинод ба шаҳрвандони давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо ҳисобида шавад;

л) Истинод дар Созишномаи мазкур ба ширкати ҳавопаймоии Ҷумҳурии Австрия бояд ҳамчун истинод ба ширкатҳои ҳавопаймоии аз ҷониби Ҷумҳурии Австрия таъингардида ҳисобида шавад;

м) Истинод дар Созишномаи мазкур ба Шартномаи Иттиҳоди Аврупо бояд ҳамчун истинод ба Шартнома дар бораи таъсисёбии Иттиҳоди Аврупо ва Шартнома дар бораи фаъолияти Иттиҳоди Аврупо ҳисобида шавад;

# МОДДАИ 2
# ПЕШНИҲОДИ ҲУҚУҚҲО

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ба Тарафи Аҳдкунандаи дигар бо мақсади иҷрои ҳамлу нақли ҳавоии байналмилалӣ аз рӯи хати парвози дар Замимаи Созишномаи мазкур муқarrаргардида, ҳуқуқҳоро, ки тибқи Созишномаи мазкур муайян карда шудаанд, пешниҳод менамояд.

2. Бо назардошти муқарраpоти Созишномаи мазкур, Ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳангоми истифодабарии хатсайрҳои шартномавӣ аз рӯи самтҳои парвози муқарраргардида аз ҳуҳуқҳои зерин истифода менамоянд:

а) ҳуқуқи парвози бетавaққуф тавассути қаламрави он;

б) ҳуқуқи фуруд омадан дар қаламрави он бо мақсадҳои ғайритиҷоратӣ;

в) ҳуқуқи фуруд омадан ба қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар дар маҳалҳои дар Замима зикрёфта бо мақсади гирифтан ва (ё) фаровардани мусофирон, бағоҷ, бор, аз ҷумла почта дар маҷмӯъ ё қисман, ки ҷиҳати гирифтан аз нуқтаи қаламрави Тарафи Аҳдкунанадаи аввал пешбинӣ шудааст.

3. Ба ҳеҷ ваҷҳ муқарраpоти банди 2 Моддаи мазкур набояд ҳамчун пешниҳод намудани ҳуқуқҳои афзалиятнок ба ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунанда ҷиҳати гирифтани мусофирон, бағоҷ, бор, аз ҷумла почта ба қаламрави давлати дигари Тарафи Аҳдкунанда бар ивази музд ё бо шарти иҷора, ки барои нуқтаи дигари қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар пешбинӣ шудааст, баррасӣ шавад.

# МОДДАИ 3
# ТАЪИНОТ ВА БЕКОР КУНИ

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳуқуқ дорад ба таври хаттӣ ба Тарафи Аҳдкунандаи дигар, як ё якчанд ширкатҳои ҳавопаймоиро бо мақсади истифода намудани хатсайрҳои шартномавӣ аз рӯи хатҳои парвози муқарраршуда, инчунин таъин гардидани ягон ширкати ҳавопаймоӣ ё истифода намудани дигар ширкати ҳавопаймоӣ ба ҷои ширкати ҳавопаймоии қаблан таъингардида бекор намояд.

2. Чунин таъинот тавассути огоҳиномаи хаттӣ байни маъмуриятҳои ҳавопаймоии ҳарду Тарафи Аҳдкунанда бо роҳҳои дипломатӣ гузаронида мешавад.

3. Маъмурияти ҳавопаймоии як Тарафи Аҳдкунанда метавонад аз ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар далелҳои ба меъёрҳо ҷавобгӯ будани иҷрои шартҳои дар қонуну қоидаҳои маъмурӣ дарҷёфта, ки барои иҷрои ҳамлу нақли парвозҳои байналмилалӣ ин маъмурияти ҳавопаймоӣ тибқи муқаррароти Конвенсия татбиқ мекунад, талаб намояд.

4. Пас аз гирифтани чунин таъинот, Тарафи Аҳдкунандаи дигар бояд ваколат ва иҷозати дахлдорро бо расмиёти ҳадди ақали ба кашолкорӣ роҳ надодан пешниҳод намояд, ба шарти, агар:

а) ягон ширкати ҳавопаймоӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Австрия таъин гардад:

- он дар қаламрави Ҷумҳурии Австрия тибқи шартномаҳои Иттиҳоди Аврупо таъсис дода шуда, тибқи қонунгузории Иттиҳоди Аврупо дорои Шаҳодатномаи амалкунандаи истифодабарада мебошад;

- назорати воқеии танзими ширкати ҳавоӣ аз ҷониби давлати аъзои Иттиҳоди Аврупо, ки барои додани Шаҳодатномаи амалкунандаи истифодабарандаи (оператори) ҳавоии он масъул мебошад ва маъмурияти ҳавопаймоии дахлдор, ки мушаххас дар таъинот зикр шудааст, амалӣ ва таъмин мегардад;

- ширкати ҳавопаймоӣ бевосита ё ба воситаи бастаи саҳмияҳои назоратӣ моликият маҳсуб ёфта, асосан аз ҷониби давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо ё давлатҳои Ассотсиатсияи савдои озоди Аврупо ё шаҳрвандони ин давлатҳо назорат карда мешавад.

б) ягон ширкати ҳавопаймоӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардад:

- он дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, тибқи қонунгузории мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои Шаҳодатномаи амалкунандаи истифодабаранда мебошад;

- назорати воқеии ширкати ҳавоӣ аз ҷониби мақомоти танзимкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои додани Шаҳодатномаи амалкунандаи истифодабарандаи (оператори) ҳавоии он масъул мебошад таъмин ва амалӣ карда шуда, маъмурияти ҳавопаймоии дахлдор, бояд ба таври мушаххас дар таъинот зикр карда шавад;

- ширкати ҳавопаймоӣ бевосита ё ба воситаи бастаи саҳмияҳои назоратӣ моликият маҳсуб ёфта, асосан аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва/ё шаҳрвандони он назорат карда мешавад.

5. Яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда метавонад ваколатҳои амалӣ ва иҷозати техникии ягон ширкати ҳавопаймоии аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи дигар таъиншударо бекор кунад, боз дорад ё маҳдуд созад, агар:

а) ягон ширкати ҳавопаймоӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Австрия таъин гардад:

- он дар қаламрави Ҷумҳурии Австрия тибқи шартномаҳои Иттиҳоди Аврупо таъсис наёфта, тибқи қонунгузории Иттиҳоди Аврупо дорои Шаҳодатномаи амалкунандаи истифодабаранда намебошад;

- назорати воқеии танзими ширкати ҳавопаймоӣ аз ҷониби давлати аъзои Иттиҳоди Аврупо, ки барои додани Шаҳодатномаи амалкунандаи истифодабарандаи (оператори) ҳавоии он масъул мебошад ва маъмурияти ҳавопаймоии дахлдор, ки ба таври мушаххас дар таъинот зикр нашудааст, амалӣ ва таъмин намегардад;

- ширкати ҳавопаймоӣ бевосита ё ба воситаи бастаи саҳмияҳои назоратӣ моликият маҳсуб наёфта, асосан аз ҷониби давлатҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо ё давлатҳои Ассотсиатсияи савдои озоди Аврупо ё шаҳрвандони ин давлатҳо назорат карда намешавад.

б) ягон ширкати ҳавопаймоӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардад:

- он дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис наёфта, тибқи қонунгузории мавҷудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои Шаҳодатномаи амалкунандаи истифодабаранда намебошад;

- назорати воқеии танзими ширкати ҳавопаймоӣ аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ ва таъмин намегардад ё Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои додани Шаҳодатномаи амалкунандаи истифодабарандаи (оператори) ҳавоии он масъул намебошад;

- ширкати ҳавопаймоӣ бевосита ё ба воситаи бастаи саҳмияҳои назоратӣ моликият маҳсуб наёфта, асосан аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва/ё шаҳрвандони он назорат карда намешавад.

6. Вақте, ки ягон ширкати ҳавопаймоӣ тибқи моддаи мазкур таъин ва ваколатдор шудааст, он метавонад дар ҳар вақти дилхоҳ истифода намудани хатсайрҳои шартномавиро тибқи муқаррароти Созишномаи мазкур оғоз намояд.

# МОДДАИ 4
# ТАТБИҚИ ҚОНУНҲО ВА ҚОИДАҲОИ МАЪМУРӢ

1. Қонунҳо ва қоидаҳои маъмурии як Тарафи Аҳдкунанда нисбат ба навигатсия ва истифодабарии ҳавопаймоҳои ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар ҳангоми ворид шудан, омадан ва рафтани ҳавопаймо аз қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар татбиқ карда мешаванд.

2. Қонунҳо ва қоидаҳои маъмурии як Тарафи Аҳдкунанда, ки ворид шудан ва хориҷ шудани мусофирон, экипаж, бор ё почтаро аз қаламрави худ ҳамчун расмиёт вобаста ба ворид шудан, хориҷ шудан, муҳоҷират, боҷҳои гумрукӣ, асъори хориҷӣ, тандурустӣ ва карантин танзим менамояд, инчунин ба мусофирон, экипаж, бор ё почтаи аз ҷониби ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар интиқол медиҳанд, ҳангоми будубоши онҳо дар ҳудуди қаламрави номбурда татбиқ мегарданд.

3. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда аз рӯи дархост бояд ба Тарафи Аҳдкунандаи дигар нусхаи қонунҳо ва қоидаҳои маъмурии дахлдорро, ки дар хусуси онҳо дар моддаи мазкур зикр шудааст, пешниҳод намояд.

# МОДДАИ 5
# ОЗОД КАРДАН АЗ БОҶ ВА АНДОЗҲОИ ГУМРУКӢ

1. Ҳавопаймоҳои ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи ҳар як Тарафи Аҳдкунанда, ки алоқаи ҳавоии байналмилалиро иҷро менамоянд, инчунин таҷҳизотҳои доимӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, захираи сӯзишворӣ ва равғанҳои молиданӣ, инчунин захираҳои дохили чунин ҳавопаймоҳо, аз ҷумла, тамоку, хӯрокворӣ ва нӯшокӣ, ҳангоми фуруд омадан ба қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар бояд аз боҷ ва андозҳои гумрукӣ озод карда шаванд, ба шарте, ки ин таҷҳизот ва захираҳо дар дохили ҳавопаймо боқӣ монда, ҳангоми баргаштан бозпас шаванд ё ҳангоми парвоз тавасути ин қаламрав истифода карда мешаванд.

2. Ҳамчунин, маводҳои зайл аз боҷ ва андозҳои гумрукӣ озод карда мешаванд:

а) захираҳои ҳавопаймо, ки дар қаламрави давлати яке аз Тарафи Аҳдкунанда дар доираи меъёрҳои аз ҷониби мақомоти дахлдори давлати Тарафи Аҳдкунанда муқаррар гардида, барои истифода дар дохили ҳавопаймои ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар, ки дар хатсайрҳои махсуси алоқаи ҳавоии байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд;

б) қисмҳои эҳтиётӣ ва таҷҳизот, ки ба қаламрави давлати як аз Тарафи Аҳдкунанда барои хизматрасонии техникӣ ё таъмири ҳавопаймое, ки дар алоқаи ҳавоии байналмилаии ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар истифодашаванда ворид гардидаанд.

в) сузишворӣ ва равғанҳои молидание, ки барои ҳавопаймоҳи ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар, барои амали гардидани парвозҳои байналмилалӣ истифода бурда мешавад, агар ҳатто ин захираҳо бояд дар қисми хатсайре, ки дар қаламрави Тарафи Аҳдкунанда дар дохили ҳавопаймо гирифта шудаанд.

Маводҳои дар банди 2 ҳамин Модда зикргардида дар мавриди зарурӣ метавон таҳти назорат ва талаботи мақомотӣ гумрукӣ қарор дода шаванд.

Таҷҳизотҳои доимии дохили ҳавопаймо, инчунин мавод ва захираҳое, ки дар дохили ҳавопаймои ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи як Тарафи Аҳдкунанда қарор доранд, метавонанд дар

қаламрави давлати Тарафи Аҳдкунандаи дигар танҳо бо розигии мақомоти гумрукии давлати ин Тарафи Аҳдкунанда борфарорӣ шавад. Дар ин сурат, онҳо то вақте, ки ба самти бозгашт баровварда нашаванд ё тибқи қоидаҳои гумрукии давлати ин Тарафи Аҳдкунанда таъиноти дигарро нагиранд, метавонанд таҳти назорати мақомоти зикргардида қарор дошта бошанд.

## МОДДАИ 6
## АНДОЗБАНДӢ

1. Даромад аз истифодабарии ҳавопаймоҳо дар интиқоли ҳавоии байналмилалӣ танҳо дар қаламрави он Тарафи Аҳдкунанда, ки ҷойи воқеии бақайдгирии идоракунии корхона ҷойгир шудааст, бояд андозбандӣ карда шавад.

2. Захираҳое, ки дар ҳавопаймо мавҷуд буда, дар интиқоли ҳавоии байналмилалӣ истифода бурда мешавад ва амволӣ манқул, ки ба ин ҳавопаймо дахл дорад, танҳо дар қаламрави он Тарафи Аҳдкунанда, ки ҷойи воқеии бақайдгирии идоракунии корхона ҷойгир шудааст, бояд андозбандӣ карда шавад.

3. Дар сурати, агар байни Тарафҳои Аҳдкунанда Созишномаи махсус оид ба роҳ надодан ба андозбандии дукарата вуҷуд дошта бошад, муқаррароти охирин афзалият дорад.

## МОДДАИ 7
## БОҶҲО АЗ ИСТИФОДАБАРАНДАГОН

1. Ҳеҷ яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда набояд муқаррар намояд ё иҷозат диҳад, ки аз ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар боҷҳое ситонида шаванд, ки андозаи онҳо аз андозаи ширкати ҳавопаймоии худ, ки ҳамин гуна интиқоли ҳавоии байналмилалиро анҷом медиҳад, зиёд бошад.

2. Ин боҷҳо набояд аз боҷҳое, ки ҳавопаймоҳои ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар, ки интиқоли ҳавоии байналмилалиро анҷом медиҳанд, зиёд бошад.

3. Ин боҷҳо бояд ба таври оқилона ва дар асоси риояи принсипҳои иқтисодии мантиқӣ асоснок карда шаванд.

## МОДДАИ 8
## ҲАМЛУ НАҚЛИ ТРАНЗИТИИ МУСТАҚИМ

Мусофирон, бағоҷ ва бор, аз ҷумла почта, ки бо транзити мустақим тавассути қаламрави яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, интиқол меёбад ва аз минтақаи фурудгоҳи барои ин мақсад таъингардида берун бурда нашаванд, ба истисноии ҳолатҳое, ки ба чораҳои бехатарии ба муқобили таҳдид ба мудохилаи ғайриқонунӣ, ба монанди зӯроварӣ ё роҳзании ҳавоӣ, инчунин ба чораҳои берун аз нақша оид ба мубориза бо интиқоли ғайриқонунии моводи мухаддир равона шудаанд, бояд назорати соддакардашуда татбиқ гардад. Бағоҷ, бор ва почта, ки бо транзити мустақим гузаронида мешаванд, аз боҷҳои гумрукӣ ва андозбандии ба ин монанд озод карда мешаванд.

## МОДДАИ 9
## ЭЪТИРОФИ ШАҲОДАТНОМА ВА ИҶОЗАТНОМАҲО

1. Шаҳодатномаҳои оид ба коршоямӣ парвозҳо, шаҳодатномаҳои тахассусӣ ва иҷозатномаҳо, ки тибқи қонунҳо ва қоидаҳои маъмурии як Тарафи Аҳдкунанда дода шудааст ё ҳамчун аслӣ эътироф гардидааст, аз ҷумла нисбат ба Ҷумҳурии Австрия, қонунҳо ва қоидаҳои маъмурии Иттиҳоди Аврупо, ки бо вуҷуди гузаштани мӯҳлат эътибори худро гум накардаанд, бояд аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи дигар бо мақсади истифодабарии хатсайрҳои шартномавӣ ва доимо ба шарти он, ки ин шаҳодатнома ва иҷозатномаҳо тибқи ё бештар аз меъёрҳои ҳадди ақал, ки Конвенсияи Чикаго муқаррар намудааст, дода шудаанд ё ҳақиқӣ эътироф шудаанд, бояд ҳамчун аслӣ дониста шаванд.

2. Банди 1) инчунин нисбат ба ягон ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Ҷумҳурии Австрия татбиқ мегардад, ки назорати танзимкунандаро аз болои он дигар давлати аъзои Иттиҳоди Аврупо мебарад.

3. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳуқуқ дорад аз эътирофи парвоз аз болои қаламрави худ, шаҳодатномаҳо дар бораи тахассус ва иҷозатномаҳо, ки зердастони худи ӯ додаанд ё дар дигар Тарафи Аҳдкунанда ё ягон давлати дигар эътироф шудааст, даст кашад.

МОДДАИ 10
ТАРИФҲО

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҷиҳати тарифҳо ба ҳамлу нақли ҳавоии мунтазами ҳар як ширкати ҳавопаймоӣ иҷозат медиҳад, ки дар бозор бо ҳисоби тиҷоратӣ асос мегирад. Мудохилаи Тарафҳо маҳдуд мегардад бо:

а) роҳ надодан ба ҷудокунии тарифҳо ё амалияҳо;

б) ҳимояи истеъмолгарон аз тарифҳое, ки беасос баланд ё бо сабаби сӯйистифода аз вазъияти баланд ё амалиёти мувофиқашуда дар байни интиқолдиҳандагони ҳавоӣ монеъшаванда мебошад;

в) ҳимояи ширкатҳои ҳавопаймоӣ аз тарифҳо, ки ба таври сунъӣ бо сабаби мустақим ё бевосита аз ҷониби маблағҷудокунӣ ё дастгирии давлатӣ паст карда шудаанд.

2. Тарифҳо ба ҳамлу нақли мунтаззами байналмилалӣ байни қаламрави Тарафҳои Аҳдкунанда бақайдгириро талаб намекунад. Новобаста ба гуфтаҳои боло, ширкатҳои ҳавопаймоии Тарафҳои Аҳдкунанда, аз рӯи талабот, таъмини дастрасии бевосита ба иттилоот вобаста ба тарифҳои пештара, мавҷуда ва пешниҳодшаванда ба маъмуриятҳои авиатсионии Тарафҳои Аҳдкунанда, ҳамон тавр ва дар ҳамон андозае, ки барои ин маъмуриятҳои авиатсионӣ муносиб мебошад, идома медиҳанд.

# МОДДАИ 11
# НАМОЯНДАГИИ ТИҶОРАТӢ ВА ФАЪОЛИЯТ

1. Ба ширкатҳои ҳавопаймоии таъингардидаи ҳар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда иҷозат дода мешавад:

а) дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар таъсис додани офис барои ташкили ҳамлу нақли ҳавоӣ ва фурӯши чиптаҳо, инчунин мутобиқи қонунгузории Тарафи Аҳдкунандаи дигар, фароҳам овардани шароит, ки ҷиҳати таъмини ҳамлу нақли ҳавоӣ талаб карда мешавад;

б) дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар овардан ва нигоҳ доштан - мутобиқи қонунгузории Тарафи Аҳдкунандаи дигар, ки ба воридшавӣ, бошишгоҳ ва шуғли меҳнат, ҳайати кормандони тиҷоратӣ, техникӣ ва хизматрасонӣ ва дигар мутахассисон алоқаманд мебошад, ки ҷиҳати таъмини ҳамлу нақли ҳавоӣ талаб карда мешавад;

в) дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар бевосита ва бо салоҳдиди ширкати ҳавопаймоӣ тавассути агентҳои худ бо фурӯши ҳамлу нақли ҳавоӣ машғул шудан.

2. Мақомоти салоҳиятдори ҳар як Тарафи Аҳдкунанда чораҳои зарурӣ меандешанд ва таъмин менамоянд, ки намояндагони ширкатҳои ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар тавонанд бо тартиби ташкилӣ фаъолияти худро ба роҳ монанд.

3. Ширкатҳои ҳавопаймоии таъингардидаи ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳуқуқ доранд дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар интиқоли ҳавоиро фурӯшад ва мутобиқи қоидаҳои амалкунандаи мубодилаи асъори хориҷӣ ҳар шахс метавонад ба таври озод ин гуна ҳамлу нақлро бо асъори ин қаламрав ё бо асъори озоди мубодилашавандаи дигар давлатҳо харидорӣ намояд.

# МОДДАИ 12
# ИМКОНИЯТҲОИ ТИҶОРАТӢ

1. Хизматрасонии рӯизаминӣ:

Ҳар як ширкати ҳавопаймоии таъиншуда бояд ҳуқуқи пешниҳод намудани хизматрасонии рӯизаминии худро («Худхизматрасонӣ») дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар дошта бошад ё ин ки дар қарордод ин масъалаҳоро дарҷ кунад («Хизматрасонии тарафи сеюм»), ҳам дар ҳаҷми пурра ва ҳам қисман, бо ягон таҳвилгар, ки барои амалӣ намудани чунин хизматрасонӣ ваколатдор мебошад. То он замоне, ки қонун бастани қарордодро дар бораи хизматрасонии рӯизаминӣ дар қаламрави як Тарафи Аҳдкунанда манъ ва ё маҳдуд накунад, ҳар як ширкати ҳавопаймоии таъингардида бояд дар асоси ғайритабъизӣ ва тибқи дархост аз хизматрасониҳои рӯизаминӣ аз ҷониби таҳвилгарон истифода барад.

"Худхизматрасонӣ" маънои он ҳолатро дорад, ки дар он истифодабарандаи фурудгоҳ бевосита ба худ як ва ё якчанд категорияҳои хизматрасонии рӯизаминиро пешбинӣ менамояд ва ягон қарордодро бо ҷониби сеюм барои хизматрасонии рӯизаминӣ ба имзо намерасонад; барои мақсадҳои мафҳуми мазкур, истифодабарандагони фурудгоҳ байни худ набояд шахси сеюм ҳисобида шаванд, агар:

а) ба яке аз онҳо аксарияти хизматрасониҳо назар ба дигар мансуб бошад, ё

б) мақоми ягона дорои хизматрасониҳои бештар бошад, назар ба дигар.

2. Код Шеринг:

Ҳангоми фаъолият ё ҳангоми пешниҳод намудани хизматрасонӣ дар доираи Созишномаи мазкур ҳамаи интиқолчиёни ҳавопаймоии Тарафҳо метавонанд оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи маркетинг созишнома ба имзо расонанд, аз қабили созишнома дар бораи ҷудо карда мондани ҷой, созишнома оид ба код-шеринг бо:

-ягон интиқолдиҳанда ҳавопаймоӣ ё интиқолдиҳандагони ҳавопаймоии Тарафҳо, бо шарти, агар (I), барои парвоз ҳуқуқҳои дахлдори ҳаракат дошта бошад, (II) интиқолдиҳандагони ҳавопаймоии маркетингӣ дорои ҳуқуқҳои дахлдори хатсайри асосӣ бошанд, (III) механизмҳои вобаста ба бехатарӣ ва рақобатпазирӣ

одатан ба чунин созишномаҳо ҷавобгӯи талабот бошанд. Нисбат ба ҳамлу нақли мусофиркашӣ ҳангоми фурӯши код-шеринг, харидор бояд дар нуқтаи фурӯш ё дар ҳар сурат пас аз фуруд омадан дар ҷойҳое, ки хизматрасониҳои нақлиётӣ дар ҳар бахши хизматрасонӣ пешниҳод мегарданд, иттилоот гирад.

3. Созишномаҳои лизингӣ ( иҷорагирӣ):

а) ҳангоми ҳамлу нақли ҳавоӣ, ҳар як Тараф ҳуқуқ дорад, хизматрасониҳои қаблан мувофиқашударо бо истифода намудани ҳавопаймо бо экипаж ё бе экипаж пешниҳод намояд, ки аз ягон ширкати ҳавопаймоии ҳамлу нақл иҷора гирифтааст, аз ҷумла аз давлатҳои сеюм, ба шарте, ки ҳамаи иштирокчиёни чунин шартнома қонун ва қоидаҳоеро, ки дар давлати онҳоро татбиққунанда амал мекунад, риоя намоянд.

б) ягон Тараф ҳуқуқ надорад аз ширкати ҳавопаймоии ҳамлу нақл, ки таҷҳизоти худро ба иҷора додааст, тибқи Созишномаи мазкур ҳуқуқи амалӣ намудани ҳамлу нақлро талаб намояд.

в) ба иҷора додани ҳавопаймо бо экипаж (wet-leasing) аз ҷониби ширкати ҳавопаймоии ҳамлу нақли Тоҷикистон ба давлати сеюм ё аз ҷониби ширкати ҳавопаймоии ҳамлу нақли Австрия ба давлати сеюм ҷиҳати истифода намудани ҳуқуқҳое, ки дар Созишномаи мазкур дарҷ шудаанд, ҳамчун истисно ё қонеъ гардонидани талаботи муваққатӣ боқӣ мемонад, зеро он бояд қаблан тасдиқи пешакии мақоми иҷозатдиҳандаи ширкати ҳавопаймоии ҳамлу нақлро, ки ҳавопайморо ба иҷора гирифтааст ва мақоми салоҳиятдори Тарафи дигарро гирад.

## МОДДАИ 13
## МУБОДИЛАИ АСЪОР ВА ИНТИҚОЛИ ДАРОМАД

Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ба ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар ҳуқуқи озодона интиқол додани маблағи даромади аз хароҷот зиёдро мутобиқи қоидаҳои амалкунандаи мубодилаи асъори хориҷӣ, дар қаламраве, ки чунин даромад ба даст омадааст, пешниҳод менамояд. Мубодилаи даромади ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи як Тарафи Аҳдкунанда ба асъори маҳаллии мутобиқи қоидаҳои амалкунандаи мубодилаи асъори хориҷӣ амалӣ мегардад.

## МОДДАИ 14
## РАҚОБАТИ ОДИЛОНА

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ба ширкатҳои ҳавопаймоии таъингардидаи ҳар ду Тарафҳои Аҳдкунанда имконияти одилона ва баробарро ҷиҳати рақобат ҳангоми амалӣ намудани парвози ҳавоӣ, ки аз ҷониби Созишномаи мазкур танзим мегардад, пешниҳод менамояд.

2. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ба ҳар ширкати ҳавопаймоии таъингардида барои муайян намудани басомад ва пурбории ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоӣ, ки дар асоси ҳисоби тиҷоратӣ дар бозор пешниҳод менамояд, имконияд медиҳад. Бо назардошти ин ҳуқуқ, ягон Тарафи Аҳдкунанда набояд бо тартиби яктарафа ҳаҷми ҳамлу нақл, басомад ё мунтазамии парвозҳо ё намуди ҳавопаймоҳоро, ки аз ҷониби ширкатҳои ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар истифода мешавад, маҳдуд кунад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки ин аз рӯи сабабҳои гумрукӣ, техникӣ, фаврӣ ё экологӣ тибқи шартҳои ягонаи бо моддаи 15 Конвенсия мувофиқа шудааст, зарур мебошад.

3. Тибқи дархост, ширкатҳои ҳавопаймоӣ, ки аз ҷониби ягон Тарафи Аҳдкунанда таъин гардидаанд, бояд ҷадвали парвозҳои худро барои тасдиқи маъмурияти ҳавопаймоии Тарафи Аҳдкунандаи дигар, пеш аз мӯҳлати 45 (чилупанҷ) рӯз то эҳтимолии ба истифода додани онҳо, пешниҳод намояд. Инчунин, ҳамин расмиёт нисбат ба ягон тағйирот ё илова ба Созишномаи мазкур татбиқ мегардад.

Дар ҳолатҳои махсус, ин мӯҳлати ниҳоиро метавон бо дарназардошти розигии ин маъмуриятҳо кам намуд.

4. Ягон Тарафи Аҳдкунанда набояд бо ширкати (ширкатҳои) ҳавопаймоии таъингардидаи худ, якҷоя бо дигар ширкати ҳавопаймоӣ ё ширкатҳои ҳавопаймоӣ ё дар алоҳидагӣ ҷиҳати сӯиистифода аз ҳокимияти бозаргонӣ ҳамон тавре, ки дар натиҷа дорад ё минбаъд ба даст меорад ва ба таври ҷиддӣ заиф гардонидани рақиб ё пеш кардани рақиб аз хатсайр равона шудааст, иҷозат диҳад.

5. Ягон Тарафи Аҳдкунанда набояд ёрии моддии давлатӣ ё дастгирии ширкати ҳавопаймоии таъингардида ё ширкатҳои ҳавопаймоиро пешниҳод ё иҷозат диҳад, ки метавонад ба имконияти одилона ва баробари ширкатҳои ҳавопаймоии Тарафи Аҳдкунандаи дигар ҷиҳати рақобат ҳангоми амалӣ намудани ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоӣ таъсири манфӣ расонад.

6. Дотатсия (кумаки молиявии беподош) ё дасгирии давлатӣ маънои таъмин намудан дар асоси табъиз аз ҷониби ягон ширкати таъингардида, ба таври мустақим ё ғайримустақим, аз ҷониби давлат ё ягон мақоми давлатӣ ё ташкилоти хусуӣ, ки аз ҷониби давлат таъин гардидааст ё назорат карда мешавад, мефаҳмонад. Бе маҳдудият, ин ҷуброни талофоти истифодадиҳӣ; пешниҳоди маблағ, ки грантҳо ва ё қарзҳо бо шароити имтиёзнок ҷуброн намекунанд; пешниҳоди фоидаҳои молиявӣ тавассути даст кашидан аз даромад ё ситонидани маблағҳое, ки бояд пардохт карда шаванд; даст кашидан аз меъёри фоида аз маблағҳои истифоданамудаи давлатӣ; озод шудан аз андозҳо; ҷуброни ӯҳдадориҳои гарони молиявӣ, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба зима гузоштааст; ё дастрасии табъизӣ ба таҷҳизоти фурудгоҳ, сӯзишворӣ ё бо дигар воситаҳои дахлдор, ки барои иҷрои муқаррарии ҳамлу нақли ҳавоӣ зарур мебошад, дар бар мегирад.

7. Дар сурати, агар ягон Тарафи Аҳдкунанда ёрии моддии давлатӣ ё дастгирии ширкати ҳавопаймоии таъингардидаро нисбат ба ҳамлу нақле пешниҳод намояд, ки тибқи Созишномаи мазкур иҷро мегардад, он бояд талаб намояд, ки ин ширкати ҳавопаймоӣ чунин ёрии моддӣ ё датгириро ба таври дақиқ ва алоҳида дар ҳисобиҳои худ пешниҳод намояд.

8.Агар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ташвиши далелнок бо сабаби он, ки ширкти ҳавопаймоии таъингардидаи ӯ ҷиҳати табъиз ё усулҳои беинсофона қарор доранд, ки ёрии моддӣ ё дастгирии аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи дигар баррасишаванда ё пешниҳодшаванда метавонад ба имконияти одилона ва баробар рақобат намудани

ширкати ҳавопаймоии Тарафи Аҳдкунандаи аввал ҳангоми амалӣ намудани ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоӣ таъсири манфӣ расонад, ҳуқуқ дорад истифодабарии ҳуқуқҳоро, ки аз ҷониби ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи Тарафи Аҳдкунандаи дигар дар моддаи 2 Созишномаи мазкур муқаррар карда шудаанд, қатъ намояд ё иҷозатро барои истифодабарӣ бекор карда, чунин шартҳоеро гузорад, ки барои истифодаи ин гуна ҳуқуқҳо зарур мешуморад.

# МОДДАИ 15
# БЕХАТАРИИ ПАРВОЗҲО

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда метавонад дар ҳар вақти дилхоҳ гузаронидани машваратҳоро оид ба меъёрҳои бехатарӣ, дар ҳамаи соҳаҳо, ки ба экипажҳо, ҳавопаймоҳо ё истифодабардагони онҳо, ки аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи дигар тасдиқ шудааст, дахл дорад, талаб намояд. Машваратҳо бояд дар давоми сӣ (30) рӯз пас аз пешниҳоди чунин дархост гузаронида шаванд.

2. Агар пас аз ин машваратҳо яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ошкор намояд, ки Тарафи Аҳдкунандаи дигар меъёрҳои бехатариро дар ягон соҳа ғайримақсаднок риоя ва амалӣ менамояд, ки ҳеҷ набошад бояд ба меъёрҳои ҳадди ақал баробар бошанд, ки он лаҳза тибқи Конвенсия муқаррар карда шудаанд, Тарафи Аҳдкунандаи аввал Тарафи Аҳдкунандаи дигарро оид ба ин далелҳо ва чораҳое, ки барои мутобиқат ба ин меъёрҳои ниҳоии зарур мешуморад ва дар он хусус, ки Тарафи Аҳдкунандаи дигар амалҳои дахлдори ислоҳро андешидааст, огоҳ менамояд. Дар сурати, агар Тарафи Аҳдкунандаи дигар дар давоми 15 (понздаҳ) рӯз ё дар мӯҳлати мувофиқашудаи аз ин бештар чораҳои дахлдор наандешад, ин барои татбиқи банди (5) моддаи 3 (Таъинот ва бекор намудан) Созишномаи мазкур асос мешавад.

3. Новобаста аз ӯҳдадориҳои дар моддаи 33 Конвенсия зикрёфта, Тарафҳо ба мувофиқа расиданд, ки ҳар як ҳавопаймои аз ҷониби ширкати ҳавопаймоии таъингардидаи яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда барои ҳамлу нақл дар қаламрав ё аз қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар, метавонад ҳангоми фуруд омадан ба қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар мавриди тафтишоти мақомоти ваколатдори Тарафи дигар дар дохили ҳавопаймо ё атрофи он қарор гирад, ки мақсади ин тафтишот аслӣ будани ҳуҷҷатҳои ҳавопаймо ва экипажи он, инчунин ҳолати ҳавопаймо ва таҷҳизот (дар моддаи мазкур «тафтишот дар перрон» номида мешавад) мебошад, ба шарте, ки ин тафтишот ба таваққуфи беасос оварда нарасонад.

4. Агар тафтишот дар перрон ё силсилаи чунин тафтишот сабаби:

(а) шубҳаи ҷиддӣ дар хусуси он гардад, ки ҳавопаймо ё идоракунии ҳавопаймо ба меъёрҳои ниҳоие, ки дар айни замон тибқи Конвенсия муқаррар шудааст, мутобиқат мекунанд; ё

(б) ташвиши ҷидддиро оид ба он, ки риояи самаранок ва татбиқи меъёрҳои бехатарии, дар айни замон тибқи Конвенсия муқаррааргардида, мавҷуд намебошад:

Тарафи Аҳдкунандае, ки дар асоси моддаи 33 Конвенсия санҷишро анҷом медиҳад, ба таври озод ба хулоса меояд, ки талаботи мутобиқи он шаҳодатнома ё иҷозатнома вобаста ба ин ҳавопаймо ё экипажи ин ҳавопаймо додашуда ё аслӣ эътироф шуда ё талаботе, ки тибқи он истифодабарии ин ҳавопаймо ба меъёрҳои ҳадди ақал, ки тибқи Конвенсия муқаррар шудаанд, мутобиқ нестанд ё аз он боло мебошанд.

5. Дар сурати, агар дастрасӣ барои гузаронидани санҷиш дар перрони ҳавопаймои аз ҷониби ширкати ҳавопаймоии истифодабаранда ё ширкати ҳавопаймоии яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда ё аз номи он/онҳо тибқи банди (3) Моддаи мазкур аз ҷониби намояндаи ин ширкати ҳавопаймоӣ ё ширкатҳои ҳавопаймоӣ манъ шуда бошад, Тарафи Аҳдкунандаи дигар метавонад озодона тахмин намояд, ки барои ташвиш, чӣ тавре, ки дар банди (4) Моддаи мазкур омадааст асосҳои ҷиддӣ вуҷуд доранд ва тибқи истиноде, ки дар он банд зикр ёфтаанд, хулоса барорад.

6. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳуқуқ дорад дарҳол ваколатҳои ширкати ё ширкатҳои ҳавопаймоии Тарафи Аҳдкунандаи дигарро боздорад ё тағйир диҳад, дар сурати, агар Тарафи Аҳдкунандаи аввал ба хулоса ояд, ки дар натиҷаи санҷиш дар перрон ё силсилаи сонҷиш дар перрон ё рад кардан барои санҷиш дар перрон ё машварат чораҳои фаврӣ ҷиҳати бехатарии ҳамлу нақли ҳавоии ширкати ҳавопаймоӣ зарур мебошанд.

7. Ҳар як амали яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда, тибқи бандҳои (2) ё (6) дар боло зикргардида, бояд дарҳол пас аз пайдо шудани асос барои барҳам додани ин амал, боздошта шавад.

8. Дар сурати, агар Ҷумҳурии Австрия ягон ширкати ҳавопаймоиро таъин намояд, ки назорати танзимкунанда аз болои он аз ҷониби ягон давлати аъзои Иттиҳоди Аврупо амалӣ ва пешбурд мегардад, ҳуқуқи Тарафи Аҳдкунандаи дигар тибқи Моддаи мазкур дар асоси баробар вобаста ба тасдиқ, иҷро ё дастгирии меъёрҳои бехатарии дигар давлати аъзои Иттиҳоди Аврупо, инчунин вобаста ба ваколатҳои ин ширкати ҳавопаймоӣ татбиқ мегардад.

# МОДДАИ 16
# БЕХАТАРИИ ҲАВОПАЙМОӢ

1. Мутобиқи ҳуқуқу ӯҳдадориҳое, ки қонунҳои байналмилалӣ пешбинӣ намудаанд, Тарафҳои Аҳдкунанда тасдиқ менамоянд, ки ӯҳдадориҳои нисбат ба ҳамдигар гирифтаи онҳо, ҳифзи бехатарии ҳавопаймоии граждании аз амалҳои дахолати ғайриқонунӣ мебошад, ки қисми таркибии Созишномаи мазкурро ташкил медиҳанд.

2. Тарафҳои Аҳдкунанда бояд тибқи муқаррароти зерин амал намоянд:

а) Конвенсия дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо ва баъзе дигар амалҳое, ки дар дохили ҳавопаймо содир мешаванд, ки дар Токио 14 сентябри соли 1963 имзо гардидааст;

б) Конвенсия дар бораи пешгирии забти ғайриқонунии ҳавопаймоҳо, ки дар Гаага 16 декабри соли 1970 ба имзо расидааст;

в) Конвенсия дар бораи пешгирии амалҳои ғайриқонунии зидди бехатарии ҳавопаймоии гражданӣ равонашуда, ки дар Монреал 23 сентябри соли 1971 имзо гардидааст;

г) Протокол дар бораи пешгирии амалҳои ғайриқонунии зӯроварӣ дар фурудгоҳҳое, ки ба ҳавопаймоии граждании байналмилалӣ хизмат мерасонанд, ки дар Монреал 24 феврали соли 1988 ба имзо расидааст;

д) Конвенсия дар бораи тамғазании моддаҳои тарканда бо мақсади ошкор намудан, ки дар Монреал 1 марти соли 1991 ба имзо расидааст,

инчунин бо муқаррароти дигар созишномаҳои бисёрҷониба, ки бехатарии авиатсиониро танзим намуда, барои ҳар ду Тарафи Аҳдкунанда ҳатмӣ мебошад.

3. Тарафҳои Аҳдкунанда дар муносибатҳои байниҳамдигарӣ мутобиқи муқаррароти бехатарии ҳавопаймоӣ, ки Ташкилоти байналмилалии ҳавопаймоии гражданӣ муқаррар менамояд ва ҳамчун Замимаҳо ба Конвенсия дарҷ ёфтааст, то он андозае, ки ин муқаррароти бехатарии авиатсионӣ нисбат ба Тарафҳои Аҳдкунанда татбиқ гарданд, амал мекунанд; онҳо бояд талаб намоянд, ки истифодабарандагони ҳавопаймоҳо, бақайдгирии онҳо ё истифодабарандагони ҳавопаймоҳо, ки макони асосии фаъолият ё ҷойи муқимии будубоши онҳо дар қаламрави Тарафҳои Аҳдкунанда мебошад ё нисбат ба Ҷумҳурии Австрия, истифодабарандагони

ҳавопаймоҳо, ки дар қаламрави онҳо тибқи шартномаҳои Иттиҳоди Аврупо ҷойгир карда шудаанд ва тибқи қонунгузории Иттиҳоди Аврупо дорои Шаҳодатномаҳои амалкунандаи истифодабарӣ мебошанд, инчунин операторони фурудгоҳҳо дар қаламрави онҳо, мутобиқи ҳамин муқаррарот оид ба бехатарии ҳавопаймоӣ фаъолиятро анҷом диҳанд.

4. Тарафҳои Аҳдкунанда ба ҳамдигар аз рӯи дархост тамоми кӯмаки заруриро ҷиҳати пешгирии амалҳои ғайриқонунии забти ҳавопаймоҳои граждани ва дигар амалҳои ғайриқонунии зидди бехатарии ҳавопаймоҳо, мусофирон ва экипажи онҳо, фурудгоҳҳо ва воситаҳои аэронавигатсионӣ, инчунин ҳамаи дигар таҳдидҳои бехатарии ҳавопаймоии гражданӣ равонагардида, мерасонанд.

5. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда розӣ аст, аз истифодабарандагони ҳавопаймоҳои худ вобаста ба парвоз кардан аз ё ҳангоми дар қаламрави Тарафи Аҳдкунандаи дигар қарор доштан, муқарраროти бехатарии ҳавопаймоиро тибқи қонунгузории амалкунандаи давлат, аз ҷумла нисбат ба Ҷумҳурии Австрия, қонунгузории Иттиҳоди Аврупо бояд риоя карда шавад.

6. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда бояд татбиқи самараноки чораҳои дахлдорро дар доираи қаламрави худ ҷиҳати ҳифзи ҳавопаймоҳо ва санҷиши мусофирон, экипажҳо, бори дастӣ, бағоҷ, бор ва захираҳои дохили ҳавопайморо то давраи фуруд омадан ё бор кардан ва ҳангоми он таъмин намояд.

7. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда, инчунин бо хоҳиши Тарафи Аҳдкунандаи дигар вобаста ба пешгирии таҳдиди мушаххас бояд тадбирҳои махсус ва зарурии бехатарӣ андешад.

8. Дар сурати рӯй додани ягон ҳодиса ё хатари вобаста ба забти ғайриқонунии ҳавопаймоҳои гражданӣ ё дигар амалҳои ғайриқонунии ба муқобили бехатарии ҳавопаймоҳо, мусофирон ва экипажи онҳо, фурудгоҳҳо ё воситаҳои аэронавигатсионӣ равонагардида, Тарафҳои Аҳдкунанда бояд ба ҳамдигар тавассути мубодилаи иттилоот ва дигар тадбирҳои дахлдор, ки ба зуд ва бехатар анҷом додани чунин ҳодиса ё таҳдид кӯмак мерасонад, мусоидат намоянд.

9. Дар сурати, агар ягон Тарафи Аҳдкунанда асосҳои кофӣ дар хусуси он дошта бошад, ки Тарафи Аҳдкунандаи дигар муқарраროти бехатарии ҳавопаймоии моддаи мазкурро риоя намекунад, ҳокимияти ҳавопаймоии ин Тарафи Аҳдкунанда метавонад дарҳол

гузаронидани машваратҳоро бо маъмурияти ҳавопаймоии Тарафи Аҳдкунандаи дигар талаб намояд. Дар сурати ба мувофиқа нарасидан дар муддати 1 (як) моҳ аз санаи дархост, асос барои татбиқи банди (5) моддаи 3 (Таъинот ва бекор кардан) Созишномаи мазкур мегардад. Агар ин бо вазъияти фавқулодда алоқаманд бошад, ҳар як Тарафи Аҳдкунанда метавонад то гузаштани мӯҳлати якмоҳа, чораҳои муваққатиро андешад.

## МОДДАИ 17
## ПЕШНИҲОДИ МАЪЛУМОТИ ОМОРӢ

Маъмурияти ҳавопаймоии як Тарафи Аҳдкунанда бояд ба маъмурияти ҳавопаймоии Тарафи Аҳдкунандаи дигар аз рӯи дархости онҳо чунин маълумоти омориро пешниҳод намояд, ки метавонад ба таври асоснок бо мақсадҳои маълумотдиҳӣ бо дарназардошти қонунҳо ва қоидаҳои маъмурии ҳар як Тарафи Аҳдкунанда талаб карда шавад.

## МОДДАИ 18
## МАШВАРАТҲО

1. Маъмурияти ҳавопаймоии ҳар як Тарафи Аҳдкунанда давра ба давра бо ҳамдигар ҷиҳати таъмини ҳамкориии зич оид ба тамоми масъалаҳо, ки ба тафсир ва татбиқи Созишномаи мазкур аз рӯи дархости ягон Тарафи Аҳдкунанда дахл доранд, машварат мегузаронанд.

2. Ин гуна машваратҳо бояд дар муддати 60 (шаст) рӯз аз санаи дархости яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда оғоз гарданд.

# МОДДАИ 19
# ТАҒЙИРОТ

1.Агар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда хоҳиши тағйир додан ё илова намудани ягон муқаррароти Созишномаи мазкурро кунад, онҳо метавонад дар ҳар вақт ҷиҳати гузаронидани машварат бо Тарафи Аҳдкунандаи дигар дархост менамояд. Ин машваратҳо (ки метавонанд пешакӣ тавассути муҳокимаҳо байни маъмуриятҳои ҳавопаймоӣ омода шаванд) бояд дар давоми 60 (шаст) рӯз аз санаи дархост оғоз ёбанд, агар ҳар ду Тарафи Аҳдкунанда оид ба тамдиди ин мӯҳлат ба қарор наоянд.

2. Созишномаи мазкур тавасути протоколҳои алоҳида, ки қисми ҷудонашавандаи Созишнома баҳисоб меравад, таъғиру иловаҳо даровaрда шуда, аз ҷониби ҳар як Тарафи Аҳдкунанда тасдиқ карда мешаванд ва дар рӯзи аввали моҳи дуюм, пас аз моҳе, ки ҳар ду Тарафи Аҳдкунанда ҳамдигарро тавассути мубодилаи номаи дипломатӣ дар бораи он, ки талаботи барои эътибор пайдо кардани тағйирот тибқи меъёрҳои маъмурии дахлдори онҳо иҷро шудаанд, хабардор месозанд, эътибор пайдо мекунанд.

3. Ворид намудани тағйирот ба Замимаи Созишномаи мазкурро метавон бевосита байни маъмуриятҳои ширкатҳои ҳавопаймоии Тарафҳои Аҳдкунанда мувофиқа намуд ва онҳо пас аз тасдиқ намудани мубодилаи номаҳои дипломатӣ эътибор пайдо мекунанд.

# МОДДАИ 20
# ҲАЛЛИ БАҲСҲО

1. Дар сурати пайдо шудани ягон баҳс байни Тарафҳои Аҳдкунанда вобаста ба тафсир ё татбиқи Созишномаи мазкур, Тарафҳои Аҳдкунанда бояд дар навбати аввал кӯшиш намоянд, ки онро ба воситаи гуфтушунид ҳал карда шавад.

2. Агар Тарафҳои Аҳдкунанда бо роҳи музокирот ба қароре наоянд дар он сурат имкон дорад баҳсро барои баррасӣ ба ягон ҳакам супоранд, ё бо дархости яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда баҳсро метавон барои баррасӣ ва баровардани қарор ба суди арбитражӣ пешниҳод намуд, ки аз се ҳакам иборат буда, ду нафари онро бояд Тарафҳои Аҳдкунанда таъин намоянд ва як нафари дигар аз ҷониби ин ду ҳакам таъин мегардад.

3. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда ҳакамро дар муддати 60 (шаст) рӯз аз санаи гирифтани огоҳинома аз ҷониби ягон Тарафи Аҳдкунанда бо роҳҳои дипломатӣ вобаста ба фиристодани баҳс ба суди арбитражӣ ва ҳакамы сеюм бошад дар муддати 60 (шаст) рӯзи дигар таъин мешавад.

4. Агар яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда натавонад дар мӯҳлати муайянгардида ҳакамы худро таъин намояд ё ҳакамы сеюм дар мӯҳлати муқарраргардида таъин нагардад, пас яке аз Тарафҳои Аҳдкунанда метавонад Президенти Шӯрои Ташкилоти байналмилалии ҳавопаймоии граждаииро оид ба таъин намудани ҳакам ё ҳакамҳо аз рӯи зарурат хоҳиш намояд. Дар ин сурат, ҳакамы сеюм бояд шаҳрванди ягон давлати сеюм бошад ва ба сифати Президенти суди ҳакамӣ амал намуда, инчунин ҷойи баргузории баррасии арбитражиро муайян кунад. Агар Президент муайян намояд, ки ӯ шаҳрванди ягон давлате мебошад, ки вобаста ба ин баҳс бетараф ба ҳисоб намеравад, Ноиби калони Президент, ки дар ин асос аз ҳуқуқ маҳрум нест, бояд таъинот намояд. Суди арбитражӣ қарорро бо аксарияти овозҳо қабул менамояд.

5. Тарафҳои Аҳдкунанда ӯҳдадоранд ҳамаи қарорҳое, ки тибқи банди (2) моддаи мазкур бароварда мешаванд, қабул намоянд.

6. Дар сурати ва ба шарти, агар ягон Тарафи Аҳдкунанда ягон қарори тибқи банди (2) моддаи мазкур баровардашударо қабул накунад, Тарафи Аҳдкунандаи дигар метавонад ягон ҳуқуқ ё имтиёзе, ки он тибқи Созишномаи мазкур ба Тарафи Аҳдкунанда ё ширкати

ҳавопаймоии таъингардида, ки ӯҳдадориҳоро вайрон кардааст, пешниҳод намудааст маҳдуд созад, қатъ ё бекор намояд.

7. Хароҷоти суди арбитражӣ, аз ҷумла музди меҳнат ва хароҷоти ҳакамҳо бояд байни Тарафҳои Аҳдкунанда баробар тақсим карда шаванд. Ҳама гуна хароҷоти Президенти Шӯрои Ташкилоти байналмилалии ҳавопаймоии гражданӣ вобаста ба расмиёте, ки дар банди 3 моддаи мазкур омадааст, ҳамчун қисми хароҷоти суди арбитражӣ маҳсуб меёбад.

## МОДДАИ 21
## ҚАТЪИ АМАЛИ СОЗИШНОМА

1. Ҳар як Тарафи Аҳдкунанда метавонад дар ҳар вақти дилхоҳ, Тарафи Аҳдкунандаи дигарро дар шакли хаттӣ, бо роҳҳои дипломатӣ оид ба қарори худ оид ба қатъ намудани Созишномаи мазкур огоҳ созад. Чунин огоҳинома бояд ҳамзамон ба Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданӣ ирсол гардад.

2. Дар чунин ҳолат, Созишнома пас аз гузаштани 12 (дувоздаҳ) моҳ аз санаи гирифтани огоҳнома аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи дигар қатъ мегардад, агар ин огоҳнома оид ба қатъкунӣ бо розигии тарафайн то гузаштани ин мӯҳлат бозхонда нашавад. Ҳангоми аз ҷониби Тарафи Аҳдкунандаи дигар тасдиқ нагардидани гирифтани огоҳнома, он бояд пас аз 14 (чордаҳ) рӯз пас аз гирифтани он аз ҷониби Ташкилоти байналмилалии авиатсияи гражданӣ ҳамчун гирифташуда, маҳсуб гардад.

## МОДДАИ 22
## БАҚАЙДГИРӢ

Созишномаи мазкур ва ҳар гуна ислоҳҳот ба он бояд дар Ташкилоти байналмилалии ҳавопаймоии гражданӣ ба қайд гирифта шаванд.

## МОДДАИ 23
## ЭЪТИБОР ПАЙДО КАРДАН

Созишномаи мазкур ба мӯҳлати номуайян баста мешавад ва аз санаи бо роҳҳои дипломатӣ гирифтани огоҳиномаи хаттии охирини Тарафҳои Аҳдкунанда оид ба аз ҷониби онҳо иҷро гардидани расмиёти дохилидавлатӣ, эътибор пайдо менамояд.

Дар шаҳри Душанбе «14» октябри соли 2014 ҳар кадом дар ду нусхаи аслӣ бо забонҳои тоҷикӣ, олмонӣ ва англисӣ ба имзо расид. Ҳамаи матнҳо эътибори якхела доранд. Дар мавриди ба вуҷуд омадани ихтилофот, ба матни забони англисӣ афзалият дода мешавад.

АЗ ҶОНИБИ ҲУКУМАТИ ФЕДЕРАЛИИ АВСТРИЯ

Волфганг Баняй

АЗ ҶОНИБИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Асозода Хайрулло

# ЗАМИМА

Қисми 1.

А. Ширкати (ширкатҳои) ҳавопаймоии аз ҷониби Ҳукумати Федералии Австрия таъингардида ҳуқуқ доранд ҳамлу нақли мунтазами ҳавоиро ба ҳар ду самт тавассути хатсайрҳои зерин иҷро намоянд:

| Нуқтаҳои парвоз | **Нуқтаҳои мобайнӣ** | Нуқтаҳои таъинот | **Нуқтаҳои берун аз ҳудуд** |
|---|---|---|---|
| Нуқтаҳо дар Австрия | **Тамоми нуқтаҳо** | Нуқтаҳо дар Тоҷикистон | **Тамоми нуқтаҳо** |

Б. Ширкати (ширкатҳои) ҳавопаймоии аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъингардида ҳуқуқ доранд ҳамлу нақли мунтазами ҳавоиро ба ҳар ду самт тавассути хатсайрҳои зерин иҷро намоянд:

| Нуқтаҳои парвоз | **Нуқтаҳои мобайнӣ** | Нуқтаҳои таъинот | **Нуқтаҳои берун аз ҳудуд** |
|---|---|---|---|
| Нуқтаҳо дар Тоҷикистон | **Тамоми нуқтаҳо** | Нуқтаҳо дар Австрия | **Тамоми нуқтаҳо** |

Қисми 2.

Ҳар як нуқтаҳои мобайнӣ ва нуқтаҳои берун аз ҳудуд метавонанд аз ҷониби ширкати (ширкатҳои) ҳавопаймоии таъингардидаи ҳар як Тарафи Аҳдкунанда бе истифодабарии ҳуқуқҳои тиҷоратии дараҷаи панҷуми «озодии ҳавоӣ» хизматрасонӣ шаванд.

Истифодабарии ҳуқуқҳои тиҷоратии дараҷаи панҷуми «озодии ҳавоӣ»-ро метавон байни маъмуриятҳои ҳавопаймоии ҳар ду Тарафҳои Аҳдкунанда мувофиқа намуд.

Қисми 3:

Ширкати (ширкатҳои) ҳавопаймоии таъингардидаи ҳар як Тарафи Аҳдкунанда метавонад вобаста ба ягон парвоз ё тамоми парвозҳо, нуқтаҳои мобайнӣ ва нуқтаҳои берун аз ҳудудро дохил накунад, ба шарти, агар хизматрасонии мувофиқашуда дар ин хатсайр дар қаламрави ин Тарафи Аҳдкунанда оғоз гардида, анҷом меёбад.

| | |
|---|---|
| Unterzeichner | serialNumber=1026761,CN=Bundeskanzleramt,C=AT |
| Datum/Zeit | 2017-11-28T05:28:01+01:00 |
| Prüfinformation | Informationen zur Prüfung des elektronischen Siegels bzw. der elektronischen Signatur finden Sie unter: https://www.signaturpruefung.gv.at<br>Informationen zur Prüfung des Ausdrucks finden Sie unter: https://www.bka.gv.at/verifizierung |
| Hinweis | Dieses Dokument wurde amtssigniert. |